# ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ!

Ҳамчун як фарди миллатдӯсти Ватан азм гузоштам, то ки номи мақоларо чунин унвонгузорӣ намоям: «Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст» . Зеро боз ҳам ҳамду сано бар кулли шоирон ва алалхусус ба Муҳаммад Ғоиб, ки чунин шеъри пурмазмунро дар васфи Наврӯз эҷод карда ва ҳам талош кардааст, дар баробари бисёре аз равшанфикрон, исбот намояд, ки соҳибҷашн ҳаст давлати Тоҷикону Тоҷикистон.

Акнун замоне расидааст, ки мо ҷавонон ва аҳли зиёии кишвар барои сарзамини аҷдодии худ, мутафаккирону осори онҳо, забон ва фарҳанги миллӣ мубориза бурда, онро соҳибӣ намоем. Масалан, чанд рӯз пеш аз васоити интернетӣ президенти Туркия оғои Эрдоган иброз доштанд, ки Наврӯз ҷашни миллии онҳо мебошад, ҳамзамон дар баробари Наврӯз мутафаккири форсу тоҷик ҳаким Абӯалӣ Синоро низ фарзанди сарзамини Туркия эълон карданд. Боварӣ дорам, агар ҳаким Абӯалӣ Сино зинда мебуд, эътироз баён мекард, ки … «на ман тоҷикам, аз Бухорои шариф ҳастам, исми модарам Ситора аст, ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ замон ман турк набудам ва нахоҳам шуд.» Зеро ки гӯиё далел овардаанд аз модари Сино, ки Юлдуз исм дошта, гарчанде дар он замоне, ки ҳаким Абӯалӣ Сино зиндагӣ мекард, номи Юлдуз вуҷуд надошт. Дар омади сухан олим Мӯсо Диноршоев ба падари арҷмандам (Лутфуллозода) нақл кардаанд, ки дар як конференсияи бошукӯҳе иштирок доштаанд, ки намояндагони чанд давлат ҳузур дошт. Он ҷо низ халқи ӯзбек даъво пеш овардаанд, ки Сино аз мост на аз тоҷикон ва дар сухани худ хеле ҳам истодагарӣ кардаанд. Устод Диноршоев аввал хеле хомӯш менишинанд, баъд мегӯянд: «Ман ба шумо як савол дорам, агар ҷавоби онро ёфтед, бигзор, ки гуфти шумо бошад, яъне Сино аз шумо. Лутфан, бигӯед, ки ҳамин калимаи «Сино», ки ин қадар даъво доред, чӣ маънӣ дорад? Аҳли конференсия ҳама хомӯш, чизе ҷавоб гуфта натавонистаанд ва ба бохти худ иқрор шудаанд. Гарчанде калимаи «сино» намуди паррандаест, аз қабили лочин, шоҳин ва ғайра.

Дар хусуси ҷашни Наврӯз бошад, гуфтанӣ ҳастам, ки он бо чанд далел куллан ҷашни тоҷикист, зеро:

- аз вожаи тоҷикии «нав» ва «рӯз», яъне ду калимаи пурра тоҷикӣ иборат аст, хуллас рӯзи нав аст; ҳамчунин академики АТТ устод М.Лутфуллозода менависанд: "Ҷашни миллии Наврӯз шуҳрати миллӣ аст": "Халқҳои кишварҳои гуногун калимаи " Наврӯз "- ро ба таври худ истифода мебаранд, аммо он боқӣ мондааст ҳамчун Наврӯз, яъне "рӯзи нав" ва ҷашни миллии мо».

- тоҷикон аз қадимулайём якчанд осори гаронарзиш доштанд ва то ҳоло доранд, ки мо маҳз ба онҳо такя менамоем. Аз ҷумла: «Наврӯзнома» – и ҳаким Умари Хайём, «Осор – ул боқия» - и Абурайҳони Берунӣ, «Шоҳнома» - и Абулқосим Фирдавсӣ, ҳамчунин Умари Хайём дар "Наврӯзнома", ҳарчанд ҷашни Наврӯзро ба даврони Ҷамшед мансуб донад ҳам, аммо манбаи онро дар эҳё ва боззоиши табиат ва баробарии шабу рӯз менигорад: "Сабаби ном ниҳодани Наврӯз аз он аст, ки Офтоб дар тӯли 365 шабонарӯз рубъе ба аввали дақиқа ба бурҷи Ҳамал ояд ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн ойин овард." "Муҳаққиқ Мирбобо Мирраҳим дар китоби "Иди Наврӯз ва ҷаҳоншиносӣ" назарҳои мухталифи олимонро дар бораи таърихи ин ҷашни бостонӣ овардааст, аз ҷумла менависад, ки "Олими машҳур ва авестошинос Пури Довуд дар бораи замоне, ки Зардушт зиндагӣ кардааст, таъкид мекунад: Зардушт дар нимаи дуюми асри VII аввали асри VI пеш аз милод зиндагӣ мекард. Аммо, нависандагони Юнон ва Рим таърихи қадимтарини пайдоиши дин дар Эронро пешниҳод мекунанд. Маҳз дар ин замина мо ҳақ дорем, ки андешаи олимонро дар бораи таърихи 7 ҳазорсолаи Наврӯз дастгирӣ намоем. Ин аст, ки Мӯсо ибни Исо-ал-Кисравӣ дар бораи таърихи идҳо чунин изҳор мекунад: "Наврӯзро Ҷамшед паҳн кардааст ва Меҳргон (ҷашни баробарии тирамоҳӣ) - ро Фаридун. Маълум мешавад, ки Наврӯз аз Меҳргон пештар падид омадааст."

Хуллас чизе, ки аён аст, ҳоҷат ба баён ва исбот нест. Бигзор чунин эътирозҳо ва гуфтаҳо гуфта шаванд. Вале нуктаи асосиро муҳтарам Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон гузоштанд, вақте ки бо кӯшишу талошҳои зиёд 23 феврали соли 2010 барои он ки Наврӯз аз ҷониби ҷаҳониён эътироф гардад, бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо пешниҳоди давлатҳои Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Туркия, Қирғизистон, Ӯзбекистон аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид Наврӯз ҳамчун ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шуд, ки ин тасодуфӣ нест. Ин иқдоми муҳим на танҳо дар инкишофи тамаддуни муосир фоли нек аст, инчунин гувоҳи он мебошад, ки ҷаҳони муосир беш аз ҳар вақти дигар ба арзишҳои олии маънавию маърифатӣ, ахлоқию тарбиявии фарҳанги наврӯзӣ эҳтиёҷ дорад. Яъне Президент талош намуданд, ки ин ҷашни таърихӣ мақоми байналмилалӣ касб намояд, ҷаҳонӣ шавад, дар саросари ҷаҳон таҷлил гардад.

Ва инак чанд рӯз пеш мо шоҳиди он шудем, ки сарони давлатҳои Тоҷикистон (Эмомалӣ Раҳмон), Ӯзбекистон (Шавкат Мирзиёев) ва Қирғизистон (Содир Ҷаббор) ба ифтихори бузургдошти ҷашни Наврӯз ҷамъ омада, ҳамзамон сарҳадҳои кишварҳоро аниқ намуда, робитаи

дӯстиро байниҳамдигар қавитар сохтанд, ки ин беҳтарин иқдоми наврӯзӣ пазируфта мешавад.

Мутаассифона, оид ба таҷлили ҷашни бузурги Наврӯз баъзе назарҳои мухталиф аз ҷониби ВАО шунида мешавад, аз ҷумла баъзеҳо ибрози ақида менамоянд, ки ин ҷашни мусулмонҳо нест ва ҷашнгириаш дуруст нест. Мавриди зикр аст, ки яке аз аввалин имомхатибони дини ислом Алӣ (р) аз дастархони идона ҳалво чашида гуфта буд: «Наврӯз-ул-ана кулла явмин». Яъне: «Ҳар рӯз Наврӯз бошад».

Бояд гуфт, ки Наврӯз ҷашнест, ки ба дину оин коре надорад, он пеш аз ҳама ҷашни бедории табиат, оғози кишту кор, пирӯзии гармо бар сармо, некӣ бар бадӣ, равшанӣ бар торикӣ аст. Мо дар тӯли таърих бо Наврӯз ва Офтобе будем ва боқӣ хоҳем монд, ки рӯзи 21 март дар баробари Наврӯз дурахшида, моро ба табрики Соли нав бедор мекунад.

Замоне, ки Искандари бераҳм ҳазорон тоҷикро ба ғуломӣ бурд, Наврӯз доштем.

Вақте ки Чингизхони хунхор хуни тоҷиконро рехт, мо бо Наврӯз будем.

Замоне, ки Темурланг аз сари ниёгон манораҳо сохт, дар лабони мо таронаи Наврӯз садо медод;

Солҳое, ки Иттиҳоди Шуравӣ Наврӯзро иди сарвату феодализм номида, таҷлили онро манъ карда буд, Наврӯз дар қалби мардуми мо ҷой гирифта, ҳамчун иди баҳору меҳнат ҷашн гирифта мешуд.

Аз ин рӯ, таърихи миллати мо собит мекунад, ки мо бо Наврӯз зиндагӣ кардем ва нафас гирифтем, ошиқ шудем, ҳикматро дарк кардем, Худоро шинохтему парвариш кардем, шукрона кардем ва бо Наврӯз дубора таваллуд шудем.

Ниёгони мо ин ҷашнро чун гавҳараки чашм поку муқаддас нигоҳ дошта, ба мо мерос гузоштанд ва мо низ онро бояд эҳтиёт карда, ба ояндагон мерос гузорем.

**Ном Наврӯзу насаб Наврӯз аст,**
**Исми ҳар бахтталаб Наврӯз аст.**
**Фасли армоншикани Наврӯз аст,**
**Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст.**

***Зарина Лутфуллоева****-мудири китобхона ва бойгонии ПРМ АТТ*